# ПРОТОКОЛИ №11

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-045 назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобочон Ғафуров барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 - Иктисодиёт (6D050605 – Методхои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иктисодиёт)

из 26 сентябри соли 2023 ш.Хуҷанд

Ҳайати шурои диссертатсионӣ иборат аз 9 нафар тасдиқ шудааст.

**Иштирок доштанд**: Раиси Шуро - Қодиров А.Л., муовини раис - Ҷурабоев Ғ., котиби илмӣ- Абдулло-зода Д. аъзоён: Азимов А.Д., Абдуллаев А., Исмоилов М.М., Раҳимов А.М., Назаров А.Ш., Саидов М.

## Р У З Н О М А

оид ба баррасии муқаддамотӣ қабул кардани диссертатсияи Абдуллоев Акмал Абдуҷаборович дар мавзуи “Воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 - Иктисодиёт (6D050605 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иктисодиёт) ва таъин кардани комиссияи экспертӣ.

## ШУНИДА ШУД:

Аз рӯи масъалаи мазкур гузориши раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои иктисодӣ, профессор Қодиров А.Л. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Абдуллоев Акмал Абдуҷаборович ба шурои диссертатсионӣ шунида шуд.

## БАРОМАД КАРД:

Иҷрокунандаи вазифаи котиби илмии шурои диссертатсионӣ Абдулло-зода Д. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Абдуллоев Акмал Абдуҷаборович, аз ҷумла диссертатсия ва автореферат (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдик гардидааст мувофиқат мекунад ва доктаранти (PhD) ҳуҷҷатҳои дигарро низ тибқи муқаророт пешниҳод намудааст. Бинобар ин барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ҷиҳати ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад. Аъзоёни шуро таклифро дастгирӣ намуда **номзадонро ба ҳайати комиссияи экспертӣ пешбарӣ ва мавриди муҳокима** қарор доданд. Дар натиҷа:

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Абдуллоев Акмал Абдуҷаборович дар мавзуи

“Воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ” аз рӯи ихтисоси 6D050600 - Иктисодиёт (6D050605 - Методҳои математикй ва афзорй (инструменталӣ) дар иктисодиёт) барои ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

**Раҳимов Абдулатиф Маҷидович -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, аъзои Шурои диссертатсионии 6D.KOA-045, раиси комиссияи экспсртӣ;

**Исмоилов Мамараҳим Мирзораҳимович -** доктори илмҳои иқтисодй, профессор, аъзои Шурои диссертатсионии 6D.KOA-045, аъзои комиссияи экспертӣ;

**Азимов Абдумавлон Ҷалилович -** доктори илмҳои иктисодӣ, профессор, аъзои Шурои диссертатсионии 6D.KOA-045, аъзои комиссияи экспертӣ;

3. Тибқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ комиссияи экспертӣ вазифадор карда шавад, ки дар муддати то 15 рӯз ба шурои диссертатсионй дар бораи мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯйи он ба Шуро кабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда, ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ, оид ба мукаммалии дараҷаи маводи диссертатсионӣ дар маводҳои чопшудаи довталаб, дар бораи иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва вобаста ба масъалаи қабул кардан ё накардани диссертатсия **хулосаи хаттии комиссияро** ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод намоянд.

Натиҷаи овоздиҳии кушод ба тарафдории қарори мазкур:
“Тарафдор”- 9 нафар, “Зид” – нест, “Бетараф” – нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Қодиров А.Л.**

**Иҷрокунандаи вазифаи котиби**
**илмии Шуро, номзади илмҳои**
**иқтисодӣ, дотсент** **Абдулла-заде Д.**